Ба декани факултети фарматсевтӣ
н.и.б., дотсент Фаридуни К.Р.

Сод.20
аз 03 «01» с.2023

# ҲИСОБОТИ
Солонаи кафедраи фармакогнозия барои соли 2022

**Ҳисоботи солонаи 2022**
**кафедраи фармакогнозия**
**Раванди таълим:**

Дар кафедраи фармакогнозия 5-нафар устодони штатӣ, 1 – нафар устоди ғайри штатӣ ва 1-нафар лаборант кор ва фаъолият менамоянд. Кормандон ҳамагӣ 6 – нафарро ташкил мекунанд, аз он ҷумла: и.в. мудири кафедра Раҳимова М.Ҳ., муаллими калон Шарифова Ш. Ю., ассистентон - Каримов Ф.У., Бобоёрзода Қ. Р., Шарипова Г. М. таълим медиҳанд.

Ҷараёни таълим мувофиқи талаботи Низомномаи маълумоти олӣ ва дастуру фармонҳои Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва садорати факултети фарматсевтӣ ба роҳ монда шудааст.

Мувофиқи нақшаи таълимии соли таҳсили 2021-2022 дар кафедра **6424** соат ба нақша гирифта шуда буд. Соатҳо байни омӯзгорони штатӣ ба тариқи зайл тақсим карда шуд:

| № | Ному насаби омӯзгор | Вазифа | Соат | Ҳиссаи |
|---|---|---|---|---|

Раванди таълим дар кафедра дар асоси нақшаи таълимии шӯъбаҳои рӯзонаи факултаҳои умумидонишгоҳӣ ва барномаҳои таълимии фаннӣ ва силлабусҳо, ки аз ҷониби ҳар як устоди кафедра доир ба фанҳои худ мураттаб шуда буданд, амалӣ гардонида шуд.

Аз ҳисоботҳои солонаи омӯзгорон бармеояд, ки дар нуҳмоҳаи соли 2022 нақшаҳои таълимӣ ба пуррагӣ иҷро шуданд.

Дар кафедра маводҳои чопӣ оиди дарсҳои лексионӣ, амалӣ ва семинарӣ мавриди истифода қарор дорад. Аз ҷумла барномаи таҷрибаомӯзии шиносоӣ барои курсҳои 1-уми ихтисоси 2-49013201 – технологияи махсулоти чарб, равғани эфир ва атриёту косметика ва курси 3-уми, ки таҷрибаомӯзии саҳроӣ дар нази лагери «Ҷавонон»-и дараи Ромит мавриди истифодаи донишҷӯён қарор гирифт.

Дарсҳои лексионӣ дар доскаҳои электронӣ тариқи презентатсия қарор гирифтанд. Дар нимсолаи баҳории 2022 дар назди кафедра донишҷӯёни курсҳои 1, 2, 3, 4, 5 аз фанҳои таърихи фарматсевтӣ, фармакогнозия, захирашиносӣ, биотехнология ва фитотерапия дарс омӯхтанд.

Дар кафедра 9 фан мавриди омӯзиш қарор доранд ва донишҷӯёни курсҳои 1 то 5 –уми факултети фарматсевтӣ дар доираи он таълим мегиранд.

1. Муқаддимаи ихтисос;
2. Таърихи фарматсевтӣ;
3. Таърихи космотология ва фарматсевтӣ (ихтисоси: 2-49013201);
4. Технологияи маводи оройишӣ ва атторӣ;
5. Фармакогнозия бо асосҳои фитокосметология (ихтисоси: 2-49013201);
6. Фармакогнозия;
7. Захирашиносӣ;
8. Фитотерапия;
9. Биотехнологияи фарматсевтӣ.

Дар соли таҳсили 2021-2022 аз тарафи устодони кафедра дарсшиканӣ мушоҳида нашудааст.

Тибқи фармоиши ректори ДМТ аз 23.02.2022 №17-111-6 т оид ба таҷрибаомӯзиии таълимии (шиносоӣ бо муассисаҳои фарматсевтӣ) донишҷӯён мутобиқи банди 84-уми «Низомномаи намунавии муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии ҶТ» то 14.03.2020 ба муассисаҳои фарматсевтии ҳудуди шаҳри Душанбе сафарбар карда шуданд. Дар таҷрибаомӯзӣ донишҷӯёни курси 1-и ихтисоси 2-49013201 – технологияи

махсулоти чарб, равғани эфир ва атриёту косметика сафарбар карда шуд, ки ҳар гурӯҳ бо роҳбар таъмин шуданд.

Оид ба таҷрибаомӯзии таълимии донишҷӯён бошад, дар курсҳои 3 тибқи фармоиши ректори ДМТ аз 18.05.2022 таҳти №17-273-6т барои гузаштан аз таҷрибаомӯзи санаи 23.05.2022 то 29.05.2022 дар пойгоҳи таълимии «Ҷавонӣ» воқеъ дар дараи Ромит ва аз 20.06.2022 то 27.06.2022 дар назди кафедраи фармакогнозия сафарбар карда шуданд. Инчунин дар курсҳои 2 тибқи фармоиши ректори ДМТ аз 18.05.2022 №17-272-6т барои гузаштан аз таҷрибаомузии санаи 23. 05.2022 то 29.05.2022 дар пойгоҳи таълимии «Ҷавонӣ» воқеъ дар дараи Ромит ва аз 20.06.2022 то 27.06.2022 дар назди кафедраи фармакогнозия сафарбар карда шуданд. Рисолаҳои хатм 43-нафар донишҷӯён байни омӯзгорон тақсим гардида, аз онҳо 42 нафар рисолаи дипломии худро химоя намуданд. Аз байни онҳо 1 нафар донишҷӯ Самиев Далер бо сабаби пардохт накардани маблағи шартномаи таҳсил аз сафи донишҷӯён хориҷ гардид.

Дар давоми соли таҳсил 11 ҷаласа мувофиқи нақшаи кории кафедра ва 4 ҷаласаи ғайринавбатӣ дар кафедра гузаронида шудааст, ки дар он масъалаҳои гуногун оиди фаъолияти омӯзгорони кафедра дида баромада шуданд. Устодони кафедра аз рӯи нақшаи иштирок ба дарсҳои ҳамдигар, гузаронидани дарси кушод ва намунавӣ амал карда, нақшаро дар нимсолаи 2022 пурра иҷро намуданд. Дар давоми соли таҳсил устодони кафедра 5 дарси кушод гузарониданд ва 27 маротиба ба дарсҳои ҳамдигар иштирок намуданд, ки таҳлили онҳо дар маҷлисҳои кафедра муҳокима карда шуда, протокол тартиб дода шуд. Инчунин дар кафедра барои таҳлили дарс нақшаи таҳлил ва меъёрҳои баҳодиҳӣ ба сифати дарсгузарӣ тартиб дода шудааст, ки ҳар як омӯзгори дар дарс иштирокдошта пур менамояд. Ҳамин тариқ, омӯзгорони кафедра тавонистанд нақшаи таълимии нуҳмоҳаро пурра иҷро намуданд.

Кафедраи фармакогнозия дар ҳайати 2-муаллимаи калон, - 4 ассистентон ва 1-лаборант, шурӯъ аз 01.09.2022 кори худро оғоз намуд.

Ҷараёни таълим мувофиқи талаботи Низомномаи маълумоти олӣ ва дастуру фармонҳои Вазорати маорифи ҶТ, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, садорати факултети фарматсевтӣ ва нақшаи кории кафедра ба роҳ монда шудааст.

Дар кафедра маводҳои чопӣ оид ба дарсҳои лексионӣ, амалӣ ва семинарӣ мавриди истифода қарор дорад. Дарсҳои лексионӣ дар доскаҳои электронӣ тариқи презентатсия баргузор гардидаанд.

Рафти азхудкунии дарсҳо, тартибу интизом, фармонҳои раёсат ва садорати факултетро мавриди таҳлил қарор медиҳанд. Тарзи иҷрои машғулиятҳои амалӣ қисман ба таври назариявӣ гузаронида мешаванд, зери бо сабаби хеле кам будани маводҳои фармакогнозия ва набудани лабораторияи фармакогнозӣ имкони баргузории дарсҳои амалӣ вуҷуд надорад.

Дар кафедра маҳфили «Фармакогност» фаъолият мекунад, ки роҳбарии онро ассистенти кафедра Шарифова Ш.Ю. ба уҳда дорад. Дар давоми сол семинарҳои илмии доимамалкунандаи кафедра дар соли таҳсили 2021-2022 гузаронданд. Аз рӯи нақша 4-то семинарин маҳфил дар мавзӯҳои «Асосҳои раванди захирасозии ашёи хоми растаниҳои доругӣ» масъул муалими калон Шарифова Ш.Ю., «Химический анализ лекарственных растений» масъул муалими калон Раҳимова М. Ҳ.,, «Хушк кардани ашёи хоми растаниҳои доругӣ» масъул ассистент Каримов Ф.У. ва «Растаниҳои доругӣ – минбаи моддаҳои фаъоли биологӣ» масъул ассистент Бобоёрзода гузаронидаанд.

**Корҳои илмӣ-методӣ**

Устодони кафедра ба иҷрои корҳои илмӣ-методӣ диққати махсус медиҳанд. Онҳо ҳамеша барои баланд бардоштани сифати таълим бо муккамал намудани матни лексия, тайёр намудани презентатсияҳо, тартиб додани саволномаҳои тестӣ, сохтани барномаҳои корӣ ва силлабусҳо машғуланд. Барномаҳои таълимӣ бо ворид намудани Стандарти давлатии таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва дастовардҳои нави илмӣ ва адабиётҳои навин омода гардидаанд. Дар соли таҳсили 2021-2022 дар кафедра маводҳои таълимӣ-методӣ, аз ҷумла:
- силлабус аз фанни «Фармакогнозия»;
- силлабус аз фанни «Захирашиносӣ»;
- силлабус аз фанни «Биотехнологияи фарматсевтӣ»;
- силлабус аз фанни «Фармакогнозия бо асосҳои фитокосметология»;
- силлабус аз фанни «Таърихи фарматсевтӣ»;
- силлабус аз фанни «Таърихи дорусозӣ ва косметология»;
- силлабус аз фанни «Фитотерапия»
- силлабус аз фанни «Муқаддимаи ихтисос»
- силлабус аз фанни «Технологияи маводҳои ороишӣ ва атторӣ»;

чоп карда шуда, дастраси донишҷӯён гардид.

Ҳамаи маводҳои таълимӣ-методии дар боло зикршуда, аз тарафи Шӯрои методии факултет ва садорати факултет тасдиқ шудаанд.

Давомоти донишҷӯён ҳар моҳ аз тарафи мудири кафедра, садорати факултет ва кураторони гурӯҳҳо назорат карда шуда, ҳафтае як маротиба

мувофиқи ҷадвал аз ҷониби кураторон соати тарбиявӣ гузаронида мешаванд.

**Корҳои илмӣ**

Нақшаи корҳои илмию таҳқиқотии кафедраи фармакогнозия дар самти «Такмилдиҳии таъминоти маводи доруворӣ ва хизматрасонии тиббӣ ба аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон», масъалаи «Зиёд намудани номгӯи ашёи хоми растании доругӣ, мавзӯъ «Омӯзиши ботаникӣ ва фармакогностии растаниҳои худрӯй ва киштшавандаи флораи Тоҷикистон»

Ҷамъоварии саршашмаҳои адабиёт оид ба тавсифи фармакогностӣ, фитохимиявӣ, физико – химиявӣ бо мақсади зиёд намудани номгӯйи ашёи хоми растании доругӣ ва дар амалияи тиббӣ ҷори намудани онҳо. Бо ин мақсад дар соли ҳимоботи ҳамаи устодони кафедра ҷустуҷуӣ адабиёт ва системакунонии растаниҳои худрӯй ва киштшавандаи флораи Тоҷикистон ба ҷо оварданд, ки дар ҳисоботҳои алоҳидаи ҳар як устод ба тариқи муфассал маълумот дода шудааст.

Дар асоси маълумотҳои бадастовардашуда, навистани мақола ва фишурдаҳо

Хамагӣ 4 макола – 1 хориҷи; 9 тезис – 2 хориҷи

Корҳои илмӣ дар соли таҳсили 2021-2022 аз тарафи устодони кафедра хеле хуб арзёбӣ шудааст. Дар ин сол устодони кафедра бо мақсади пеш бурдани малакаи илмӣ пайи ҷустуҷӯ ва тадқиқот машғул шуда, ба якчанд дастовардҳо ноил гардиданд.

Дар соли 2021-2022 аз тарафи омӯзгорони кафедра 15-мақола ва фишурда 2-патент нашр гардид.

**Рӯйхати мақола ва фишурдаҳои чопшудаи кафедраи фармакогнозия**

**Корҳои тарбиявӣ.**

Корҳои тарбиявӣ дар байни донишҷуён ҳамеша madди назари устодони кафедра қарор дорад. Корҳои тарбиявӣ дар кафедра аз ҷониби устодоне, ки ба ҳайси сарпараст дар гурӯҳҳои академӣ пешниҳод шудаанд дар оғози дарсҳои худ ба масъалаҳои тарбиявӣ диққати махсус дода, масъалаҳои худшиносӣ, ватандустӣ, эҳтиром ба арзишҳои фарҳангӣ, сару либос, ҷалби онҳо ба китобхонаҳо, истифода набурдан аз телефонҳои мобилӣ арзёбӣ менамоянд. Инчунин зикр кардан ба маврид аст, ки устодон донишҷӯёнро ҳар замон барои пешгирии сирояти бемории COVID-19, истифода бурдан аз ниқоб, маҳлулҳои антисептикӣ ва қоидаҳои гигиенаи шахсиро таъкид менамуданд.

Нақшаҳои кории кураторон дар маҷлиси кафедра муҳокима ва тасдиқ карда шудааст. Дар давоми нимсолаи тирамоҳӣ ҳар ҳафта як

маротиба дарси тарбиявӣ ва ҳар моҳ як маротиба маҷлиси гурӯҳ гузаронида, давомоти ҳармоҳаи донишҷӯёнро таҳлил менамуданд. Донишҷуён бо роҳбарии сарпараст ба шанбегиҳо, корҳои ҷамъиятӣ, олимпиадаҳо, конференсияҳо, семинарҳо ҷалб карда мешавад. Ҳар як сарпарст донишҷуёнеро, ки дар хобгоҳ истиқомат мекунанд, таҳти назорат гирифта, ҳафтае ду маротиба аз ҳолу аҳволи онҳо хабардор мешаванд. Сарпарастон дар байни донишҷӯён як қатор соатҳои тарбиявиро аз рӯи мавзӯъҳои зерин гузарониданд:

1. Оид ба чораҳои пешгирӣ ва сирояти коронавирус (COVID-19)
2. Интихоби Президент нишонаи соҳибистиқлолии давлат мебошад!
3. Пешгири намудани таълимоти ғайриқонунии динӣ.
4. Дар бораи иди Меҳргон
5. Стратегияи муқовимат бо коррупсия.
6. Экстремизм ва терроризм ҳамчун вабои аср. Оид ба фаъолияти ташкилоти террористии ТБТ «Ихвон-ул-муслимин»

Дар синфхонаи 300-ум таърихи 1-декабри соли 2020 бо иштироки 30 нафар донишҷӯ ва омӯзгорони факултет чорабинӣ бахшида ба рӯзи ВИЧ-СПИД гузаронида шуд. Чорабиниро донишҷуёни курси якум гурӯҳи А-русӣ, ки сарпарасти он ассистенти кафедра Дилдораи Ё мебошад, гузарониданд.

**Корҳои ҷамъиятӣ.**

Бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти Давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои дар сатҳи баланд ҷашн гирифтани ин чорабинии муҳими сиёсӣ аз факултети фарматсевтӣ дар бахши театркунонӣ 75-нафар донишҷӯён ва омӯзгорони мутасадӣ, дар бахши карнавал 100-нафар донишҷӯён ва омузгорони мудасадӣ ва дар бахши сафоройӣ(шагат) 90 нафар донишҷӯён ва омӯзгорони мутасадӣ иштирок намуданд. Инҳам шаҳодат аз он медиҳад, ки донишҷӯён ва омӯзгорон меҳр нисбати ватан ва Истиқлоияти он дар сатҳи баланд доранд.

Санаи 16.09.2021с. иштироки 28 нафар донишҷӯ ва 4 нафар омӯзгор дар консерти шоми дӯстӣ бахшида ба 20-солагии ИДМ дар кохи борбад.

Дар санаи 17.09.2021с. Ташрифи меҳмони олиқадр, Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон ба Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки аз факултет 6-нафар омӯзгор ва 4-нафар донишҷӯ иштирок намуданд.

Дар доираи накша-чорабиниҳои раёсати донишгоҳ оид ба “Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025” санаи 11.03.2022с. дар толори калони факултет вохӯрии устодону донишҷӯён бо намояндаи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Юсуф Рузиев, Судяҳои

суди олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Матин Бобизода ва Маҳмадисо Саидзода, мутахассиси пешбари Раёсати таҳлил ва ояндабинии сиёсати дохилии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Алиназар Ашуров, намояндаи кумитаи дин, танзими анана ва ҷашну маросимҳои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Диловар Сафарзода ва мудири шуъбаи ҳуқуқи ДМТ Муминзода Н. Доир гардид.

Дар доираи нақша-чорабиниҳои раёсати донишгоҳ оид ба "Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025" санаи 11.05.2022с. дар толори калони факултет вохӯрии устодону донишҷӯёни факултети фарматсевтӣ ва тиббӣ бо намояндаи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Судяҳои суди олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мутахассиси пешбари Раёсати таҳлил ва ояндабинии сиёсати дохилии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндаи кумитаи дин, танзими анана ва ҷашну маросимҳои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Диловар Сафарзода ва мудири шуъбаи ҳуқуқи ДМТ Муминзода Н. Доир гардид.

**Иҷрои қарорҳои ҷаласаҳои Шӯрои олимон ва раёсати Донишгоҳ.**

Ҳар як қарори Шӯрои олимон ва раёсати донишгоҳ дар рӯзи кафедра, ҳар рузи душанбе, ба саҳми омӯзгорон расонида шуда иҷрои саривақтии онҳо таъмин карда шудааст. Аз ҷумла тайёр намудани саволномаҳои тестӣ (санҷиш ва имтиҳонӣ) тартиб додани ҷадвали муҳокимаи рисолаҳои дипломӣ, тартиб додани номгӯи мавзӯъҳои корҳои курсӣ, тайёри барои гузаронидани сессияи баҳорӣ ва зимистонӣ, тайёр намудани дастурҳои таълимӣ-методӣ ва китобҳои дарсӣ, амали намудани супоришҳои сардори давлат, фармоишҳои ректор, иҷрои саривақтии супоришҳои садорати факултет ва ғайраҳо.

И.в. мудири кафедра Рахимова М.Х.